**Тақризи**

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ ба диссертатсияи докторанти (PhD) Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст**

Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич соли 2020 шуъбаи магистратураи факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси забоншинос хатм кардааст. Номбурда баъди хатми шуъбаи магистратура соли 2020 ба шуъбаи докторантураи ДМТ дохил шуда, соли 2023 онро аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) хатм намудааст. Аз соли 2019 то ин ҷониб дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба ҳайси ассистент анҷоми вазифа карда истодааст.

Мавзӯи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», дар забоншиносии муқоисавии тоҷик то имрӯз мавриди таҳқиқи мушаххас ва алоҳида қарор нагирифтааст ва аз ин лиҳоз аҳамият ва актуалӣ будани мавзӯи таҳқиқи Раҳматуллоев Маҳмадулло ҳеҷ шакку шубҳае надорад.

***Навгонии натиҷаҳои диссертатсия*** пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола тавсифи сохторӣ-вожасозӣ ва маънои истилоҳҳои рӯзноманигории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори нахуст таҳқиқ мегардад. Ҳамчунин амсилаҳои истилоҳофарини истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар ҳар ду забон муайян карда шудаанд. Гузашта аз ин дар таҳқиқот бори нахуст этимологияи истилоҳоти рӯзноманигорӣ ҳар ду забони муқоисашаванда ба тарзи аниқ ва мушаххас таҳлил карда шудааст.

***Эътимоднокии натиҷаҳои навини*** таҳқиқи илмӣ дар он зоҳир мешавад, ки нақш ва мавқеи истилоҳоти журналистика дар забонҳои гуногунсохт дар асоси истифодаи фарҳангу луғатҳои боэътимод, хоса, фарҳангҳои забони англисӣ, русӣ, тоҷикӣ, луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-англисӣ ва асарҳои бунёдии забоншиносӣ, забони англисӣ ва тоҷикӣ таъмин гардидааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзу, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгонии илмии, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайраҳо инъикос ёфтаанд

Дар боби аввали рисола «**Заминаҳои назариявии омӯзишу таҳқиқи муқоисавии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ**» самти асосии омӯзиши истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забон – ин гирдоварӣ, тасниф ва шарҳи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар луғатномаҳо, донишномаҳо ва маълумотномаҳои махсус мебошад, ки дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд.

Дар боби дуюм «**Таҳқиқи муқоисавии вижагиҳои сохторӣ-маъноии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ**» унвон дошта, аз чор зербоб иборат аст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳамзамон дар ҳар ду забон (англисӣ ва тоҷикӣ) истилоҳҳои рӯзноманигорӣ аз ҷиҳати шакли грамматикӣ ду намуди асосӣ доранд: а) истилоҳ-вожаҳо; б) ибораистилоҳҳо таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст.

Дар боби сеюм «**Таҳлили этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ**» ба таҳқиқи *этимологияи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ ва тоҷикӣ* бахшида шудааст. Таҳқиқ нишон дод, ки ба гуногун будани баромад ва таркиби этимологӣ нигоҳ накарда, истилоҳҳои рӯзноманигории забони англисӣ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: *истилоҳҳои аслӣ ё англисӣ* ва *истилоҳҳои иқтибосӣ* ва истилоҳҳои рӯзноманигории забони тоҷикӣ низ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: истилоҳҳои аслӣ ё тоҷикӣ ва истилоҳҳои иқтибосӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Мазумну мӯҳтавои бахшҳои асосии рисолаи мазкур дар конференсияҳои илмии солонаи устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (солҳои 2020-2023) ва конференсияҳои байналмилалӣ баррасӣ гардидааст ва доир ба мавзӯи рисола 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла панҷ адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванади КОА-и ҶТ интишор ёфтаанд. Мақолаҳои интишоршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки Раҳматуллоев Маҳмадулло пажӯҳишгари пухтарасида буда, метавонад натиҷаҳои таҳқиқоти худро ба доираҳои илмии забоншиносӣ бомуваффақият пешкаш кунад.

Дар натиҷа, ба фикри мо, Раҳматуллоев Маҳмадулло тавонист хусусиятҳои умумӣ ва фарқунандаи лексикию сохтории истилоҳоти

журналистикаро дар забонҳои таҳқиқшавнда хеле намоён ва бо мисолҳои даҳқиқ аз адабиёти илмии ҳарду забон таъкиду баррасӣ намояд.

Бешубҳа, диссертант ҳамчун мутахассис хеле хуб омода, сабзида ва бавоя расидааст, мавзӯи рисоларо ҳаматарафи омӯхта таҳқиқ кардааст, аз адабиёти илмии забоншиносии забонҳои таҳқиқшаванда пуррра огоҳ аст ва мавзӯи таҳқиқро дар сатҳи баланди илмии забоншиносии муосир омӯхта таҳқиқ кардааст. Рисолаи диссертатсионии муҳақиқ Раҳматуллоев Маҳмадулло сазовори баҳои баланд мебошад, он хеле босаводона навишта шудааст ва аз назари техникӣ дар шакли зарурӣ таҳия гардидааст ва ба талабот, ки аз тарафи КОА ҶТ нисбат ба чунин рисолаҳо пешниҳод карда мешавад, комилан ҷавобгӯй мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзӯи **«Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст, кори илмии бaанҷомёфта мебошад ва ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои ин ихтисоси муқаррар шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори илми филология,
профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мамадназаров Абдусалом

734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел: (992-372) 217711; (992) 93 771 50 60;
Факс: (991-372) 214884; Сайти ДМТ: www.tnu.tj
Имзои: А. Мамадназаров-ро
«Тасдиқ мекунам»
сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш

11.05.2023